ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 марти соли 2026 70 ташкилоти қарзии молиявӣ, 16 ташкилоти суғуртавӣ, 6 ташкилоти лизингӣ ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият намуданд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар интиҳои моҳи марти соли 2026 дар маҷмуъ 67 914,2 млн сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба интиҳои соли 2025 ба андозаи 3,1 фоиз зиёд мебошад. Дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 37,3 фоиз баробар гардид.

Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

	31.03.2026			
	Адад	Дороиҳо (млн сомонӣ)	Ҳисса (бо %)	Афзоиши дороиҳо нисб. ба инт. соли 2025
Ташкилотҳои қарзии молиявӣ	**70**	**61 102,5**	**90,0**	**3,1**
Бонкҳо	***19***	***57 354,3***	**84,5**	***3,4***
Бонки давлатӣ	*2*	*13 683,1*	20,1	*11,2*
Бонки исломӣ	*1*	*537,7*	0,8	*8,1*
Бонк бо сармояи хориҷӣ	*7*	*12 473,6*	18,4	*5,2*
Бонкҳои дигар	*9*	*30 659,8*	45,1	*-0,4*
Ташкилотҳои маблағгузории хурд	***51***	***3 748,2***	**5,5**	***-1,2***
Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд	*27*	*2 837,2*	4,2	*-2,2*
Ташкилотҳои қарзии хурд	*2*	*41,4*	0,1	*4,2*
Фондҳои қарзии хурд	*22*	*869,6*	1,3	*2,0*
Филиалҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ	***363***			
Ташкилотҳои суғуртавӣ	**16**	**1 217,2**	**1,8**	***6,7***
Ташкилотҳои лизингӣ	**6**	**862,1**	**1,3**	***10,5***
Биржаҳои фондӣ	**...**	...	...	...
АСИН*	**1**	**4 733,3**	**7,0**	**-**
Ҳамагӣ:	**93**	**67 914,2**		**3,1**
Нисбат ба ММД (%)		**37,3**		

*Маълумот ба ҳолати 31.12.2025

Дар давраи ҳисоботӣ 90,0 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ рост омада, ҳиссаи боқимондаро дороиҳои АСИН (7,0 фоиз), ташкилотҳои суғуртавӣ (1,8 фоиз) ва ташкилотҳои лизингӣ (1,3 фоиз) ташкил медиҳанд[1].

Ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар аз ду гурӯҳ: ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ иборат буда, ташкилотҳои қарзӣ дар навбати худ бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд)-ро дар бар мегиранд. Дар семоҳаи якуми соли 2026 дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба интиҳои соли 2025 ба андозаи 3,1 фоиз афзуда, ба 61 102,5 млн сомонӣ баробар гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 363 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ (аз ҷумла 3 равзанаи бонкии исломӣ), 3 воҳиди сайёр ва 1 586 маркази хизматрасонии бонкӣ ва маблағгузории хурд ба аҳолии кишвар хизматрасонии худро пешниҳод намуданд.

Дар ин давра 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 66 филиали худ хизматрасонии суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба интиҳои соли 2025 ба андозаи 6,7 фоиз зиёд шуда, ба 1 217,2 млн сомонӣ баробар гардиданд.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба интиҳои соли 2025 ба андозаи 10,5 фоиз зиёд шуда, 862,1 млн сомониро ташкил намуданд.

Дороиҳои АСИН бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 4 733,3 млн сомонӣ баробар гардиданд.

[1] Эзоҳ: ҳангоми пешниҳод гардидани маълумот дар бораи фаъолияти биржаҳои фондӣ, ташкилотҳои ломбардӣ ва АСИН маводи мазкур такмил дода мешавад.